## Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan).

**Week: 13.**

**lecture 13.** National strategy for human capital development for the period (2030)

**lecturer: Rustamzoda Fitrat Muzafar**

## МАВЗӮИ 13. СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ БАРОИ ДАВРАИ (2030)

13.1. Мафҳум ва моҳияти асосии Стратегияи милии рушди сармояи инсонӣ барои давраи (2030)

13.2. Хусусиятҳои хоси рушди Стратегияи милии рушди сармояи инсонӣ барои давраи (2030)

13.3. Самтҳои афзалиятноки Стратегияи милии рушди сармояи инсонӣ барои давраи (2030)

**Мақсади лексия:** Стратегия, стратегияи рушд, афзалиятҳои стратегия, хусусиятҳо, рушди сармояи инсонӣ барои давраи 2030, принсипҳои асосии таъсиррасон, рушди сармояи инсонӣ ва афзалиятҳои он, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, таҳлили ҳолати воқеии самтҳои афзалиятноки стратегия дар иқтисодиёти муосир.

### 13.1. Мафҳум ва моҳияти асосии Стратегияи милии рушди сармояи инсонӣ барои давраи (2030)

Таҳия ва татбиқи стратегия барои ҳар як давлат як раванди хеле мураккаб ва мушкил ба ҳисоб рафта, дар он пеш аз ҳама ҳифзи манфиатҳои миллӣ, аллалхусус соҳаи иқтисодиёт ҳамчун самти афзалиятнок муайян гардидааст.

Стратегия ба он хотир қабул ва пешбини мегардад, ки бо дарназардошти тағйироти солҳои охир, ки дар кишвар ва ҷаҳон ба амал омадаанд, бахусус бо дарназардошти таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонии солҳои 2007-

2009 ба иқтисодиёти кишварҳо тартиб дода шудааст ва ҳуҷҷати мазкур бехатарии иқтисодии мамлакатҳоро таъмин менамояд.

Инчунин, мисоли равшани ин раванд татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (минбаъд - СМР-2030) мебошад, ки ҳамчун стратегияи миллии рушд ва бехатарии барои иқтисодиёти кишвар пешбинӣ ва таҳия гардидааст.

Ҳамчунин, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» самтҳои рушди кишвар мушаххас карда шудаанд, ки барои дар амал татбиқ намудани он дар Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор муайян гардидааст.

«Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» идомаи мантиқии стратегияи қабулшудаи соли 2015 ба шумор меравад. Қайд намудан зарур аст, ки дар давраи татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015», дар маҷмуъ, ба дастовардҳои назарраси иқтисодиву иҷтимоӣ ноил гардидем.

Аз ҷумла:

1. Дар давоми солҳои 2007-2015 устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардид.
2. Суръати солонаи рушди иқтисодӣ ба ҳисоби миёна то ба 7 фоиз расида, сатҳи таваррум то адади якрақама паст карда шуд.
3. Буҷети солонаи давлатӣ аз 1,8 то 15,7 миллиард сомонӣ ё қариб 9 баробар афзоиш ёфт.
4. Касри буҷети давлатӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи ним фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нигоҳ дошта шуд.
5. Қарзи давлатӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ хеле кам карда шуд.
6. Низоми бонкӣ мунтаззам рушд ёфта, аз нигоҳи дороиҳо ва пасандозҳо 2 баробар, қарз 6 баробар ва шумораи кортҳои пардохти 30 баробар зиёд шуд.

Қайд намудан зарур аст, ки татбиқи ислоҳоти зарурӣ шароити мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ фароҳам гардида, ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ рушд намуд.

Инчунин амалӣ намудани стратегияи мазкур шароит фароҳам овард, ки дар соли 2024 беш аз 2040 корхонаҳои нави саноатӣ ва зиёда аз ҳафтод чор ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуданд.

Истеҳсолоти ватанӣ рушд намуда, ҳатто аз рӯи баъзе маҳсулотҳо, ба монанди меваю сабзавот ва масолеҳи сохтмон, аз қабили семент, аз кишвари воридкунанда ба кишвари содиркунандаи онҳо табдил ёфтем.

Аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва тавсиб расидани як қатор конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ вобаста ба рушди тиҷорат ва сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ бо шарикони хориҷӣ вусъат бахшиданд.

## 13.2. Хусусиятҳои хоси рушди Стратегияи милии рушди сармояи инсонӣ барои давраи (2030)

Хусусиятҳои фарқунандаи СМР-2015 аз ҷиҳатҳои зерини мусбӣ иборатанд, ки онҳо аз дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ ба кулӣ фарқ менамоянд:

1. Биниши дарозмуҳлати рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки барномаи васеи ислоҳотро дар бар мегирад;

2. Ҳамоҳангсозии пурра бо рӯзномаи байналмилалӣ ва индикаторҳои ҳадафҳои рушди ҳазорсола;

3. Баррасӣ намудани маҷмӯи масъалаҳо аз нуқтаи назари низоми ягонаи мукаммал бо истифода аз самтҳои байнисоҳавӣ, ки дар тамоми ҳуҷҷат ба назар мерасанд;

4. Ташаккулидиҳии низоми махсуси мониторинги доимӣ тавассути мониторинги стратегияҳои миёнамуҳлати он;

Барои расидан ба ҳадафҳо ва татбиқи стратегияи зикршуда дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми 2,6 миллиард доллари амрикоӣ равона гардидааст, ки 94 фоизи он аз ҷониби шарикони рушд ҷудо гардидааст.

«Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014 ва 2015 баён шудаанд, таҳия гардидааст.

СМР-2030 инчунин, уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устуворро (ҲРУ), ки дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудаанд, ба эътибор гирифтааст.

Яке аз хусусиятҳои асосии фарқунандаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар он аст, ки дар стратегияи мазкур афзалиятҳои асосии рушди кишвар баъди соли 2015, ки ба татбиқи онҳо идеологияи иқтисодӣ, принсипҳои заминавӣ ва маҷмӯи тадбирҳои дар СМР-2030 инъикосёфта равона шудаанд, муайян карда шудаанд, ки чунин афзалиятҳо ба он шомиланд:

1. Маориф;
2. Тандурустӣ;
3. Шуғл;
4. Нобаробарӣ;
5. Мубориза бар зидди коррупсия;
6. Таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо;
7. Идоракунии самаранок;
8. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
9. Пешгирии низои эҳтимолӣ;
10. Амнияти энергетикӣ, экология ва идоракунии равандҳои демографӣ.

Дар ин замина афзалиятҳо ва вазифаҳое муайян карда мешаванд, ки ба имкониятҳои воқеии давлат мувофиқат менамоянд. Дар натиҷа, мамлакат метавонад имкониятҳои зиёдеро ба даст орад ва бехатарии иқтисодиёти кишварро бо хароҷоти кам таъмин намояд.

Умуман, стратегияи мазкур ҳамчун нақшаи амалии директивӣ барои тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва нақшаи амалии индикативӣ барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки барномаҳои кӯмаки техникӣ ва молиявии кишвар бар он асос меёбанд.

Дар стратегияи мазкур рушди устувори кишвар интихоби принсипҳои илман асоснокшудаи заминавии тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеа ба инобат гирифта шудааст.

Таҳияи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба се принсипи асосии рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат асос ёфтааст:

1. Тадбирнокӣ коҳиш додани осебпазирии рушди ояндаи мамлакат;

2. Индустриалӣ баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ;

3. Инноватсионӣ, рушд бар пояи навовариҳои фарогири ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар.

Ба андешаи мо, муҳимтарин принсипи ташаккули стратегияи мазкур фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодиёту иҷтимоиёт ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва шукуфоии ҷомеа нигаронида шудааст.

Таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат дар давраи дарозмуҳлат бе истифодаи навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар имконопазир аст. Самтҳои асосии стратегияи мазкур афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ, иқтисодӣ ва ҳамкориҳоро дар доираи кишварҳо ба инобат гирифта шудааст. Дар даҳсолаи наздик силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то нимаи асри XXI тадриҷан кам мекунад. Барои

дарки дурусти ин раванд мо бояд омода бошем ва самтҳои модели рушди ояндаро барпо намоем ва хусусиятҳои сифатии онро дақиқтар созем.

Яке аз омили асосии модели рушди иқтисоди миллӣ захираи инсонӣ бо ҷузъҳои асосии таркибии он – маориф ва илм, ҳамчун шарти муҳимтарини баланд бардоштани сатҳи амнияти миллӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт бояд тадбирҳои пешгирикунандаро андешида ва ҷорисозии васеи стандартҳои байналмилалии таълимиро дар низоми таҳсилоти олии касбӣ таъмин намуд. Дар муайянкунӣ ва дастгирии самтҳои афзалиятноки илму техника нақши давлат бояд назаррас бошад.

Қайд намудан зарур аст, ки тибқи стратегияи мазкур ва ҳадафҳои гузошташуда Тоҷикистон дар соли 2030 дорои рушди устувор ва рақобатпазир аст, ки аҳолиаш аз сатҳу сифати арзандаи зиндагӣ барои татбиқи неруи инсонӣ дар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтиромгузорӣ ба шаъну шарафи инсон баҳраманд мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ дар давоми 34 - соли охир ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Дар стартегияи мазкур ҳадафи олии рушди дарозмӯҳлат, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст. Бо ин мақсад дар навбатӣ худ дар заминаи иҷрои ҳадафҳои зерини стратегии рушд ноил гаштан мумкин аст:

а) таъмини истиқлолияти энергетикӣ;

б) раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ;

в) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;

г) вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Дар таҳия ва татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» хулосаҳои амалисозии стратегияи қаблии рушди миллӣ, яъне СМР-2015 ба инобат гирифта шудааст ва самтҳои афзалиятноки рушди миллӣ, ки дар СМР-2015 дарҷ гардида буданд, ба инобат гирифта шудааст:

1. ислоҳоти идоракунии давлатӣ;

2. инкишофи бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ;

3. рушди неруи инсонӣ.

**13.3. Самтҳои афзалиятноки Стратегияи милии рушди сармояи инсонӣ барои давраи (2030)**

Стратегияи миллии рушди мамлакат тавассути се давраи миёнамуҳлат амалӣ мегардад, ки дар ин марҳилаҳо ба самтҳои зерин афзалият дода мешавад:

1. Баланд бардоштани самаранокӣ, гуногуншаклӣ ва рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодиёт;

а) **Давраи гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ (солҳои 2016-2020)** «Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар марҳилаи мазкур ба василаи СМР-2030 татбиқ гардидааст. Дар барномаи мазкур вазифаи гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ, ки ба сармоягузориҳо ва рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда асос ёфтааст, заминаи марҳилаи мазкур хоҳад буд.

2. рушди неруи инсонӣ;

б) **Марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст (солҳои 2021-2025)** Дар ин марҳила татбиқи максималии иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд, ки дар ҷараёни иҷрои «Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» пешбинӣ шудааст, ба даст омадаст. Барои рушди иқтисодиёт зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ дар бахши воқеӣ ва инфрасохтор ҳамчун заминаи асосӣ гардидаст.

Ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва маблағҳои пасандозҳои дохилӣ афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо ба даст меояд. Дар ҳолати баланд гардидани сатҳи рақобатпазирӣ ва ҷалби сармоягузории иқтисодиёт, мустаҳкам гаштани суботи макроиқтисодӣ, инчунин рушди самаранок ва амиқи бахши молиявӣ ба вуқӯъ омадааст. Афзалияти муҳим дар ин марҳила

татбиқи стратегияи амнияти энергетикӣ буда, ҳадафи он баланд бардоштани фаъолият ва суръатноки рушди соҳаи энергетикӣ дар шароити талаботи афзоянда аз ҷониби аҳолӣ ва иқтисодиёт башумор меравад.

3. тақвияти институтсионалии кишвар;

в) **Марҳилаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо (солҳои 2026-2030)** Дар ин бахш барои гузариш аз стратегияи рушди саноатӣ дар асоси сармоягузориҳо ба рушди ба донишу навовариҳо асосёфтаст. Рушди иқтисодӣ саҳми сармояи инсонӣ, ниҳодҳои самарабахш ва технологияҳои пешқадам дар марҳилаи мазкур зиёд мегарданд.

4. таъмини устувории вазъи макроиқтисодиву иҷтимоӣ ва инкишофи мутавозини минтақаҳои кишвар.

Маълумот дар бораи ҳар як давра дар стратегияи мазкур дар қисмҳои дахлдор дарҷ гардидааст.

Амали гардидани ҳадаф ва афзалиятҳои Стратегия аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳои рушд таъмин мегардад. Яке аз сарчашмаҳои асосии молиявӣ ин маблағҳои Буҷети давлатӣ башумор меравад, ки дар асоси таҳияи буҷетҳои миёнамуҳлат барои давраи амалисозии Стратегия мунтазам чораҳои мушаххас дар доираи ҳадаф ва афзалиятҳои муайяншуда амалӣ мегарданд.

Яке аз фарқиятҳои асосии стратегияи мазкур бо СМР-2015 дар он аст, ки маблағгузорӣ сармоягузориҳои хусусӣ ва сармоягузориҳои дохилӣ башумор меравад. Дар стратегияи мазкур барои беҳтар намудани муҳити фаъолияти сармоягузорони хориҷию дохилӣ, ки ҳамчун самара ба имкониятҳои иловагии буҷет таъсир мерасонад, имкониятҳои бештар пешбинӣ гардидааст.

Қайд намудан зарур аст, ки тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда, метавонад дар бахши иқтисодиёти мамлакат ва рушди сармояи инсонӣ таҳаввулоти назаррасро бавуҷуд оварад, зеро дар ҳолати пурра иҷро гардидани бандҳои мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ҳадафу мақсадҳои гузошта шуда ноил гардад.

Яке аз омили асосии дар стратегия мазкур дарҷ гардидааст ин сармояи инсонӣ ба шумор меравад, ки Ҳукумати мамлкат таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи хешро ба ин самт нигаронидааст. Дар ҳолати иҷро гардидани ин барнома Тоҷикистон метавонад он мутахассисони раҷобатпазиреро омода намояд, ки дар баланд бардоштани рушди иқтисодиёти мамлакат ва ихтироот намудани технологияҳои нав саҳмгузор бошанд.

Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ин сармояи инсонӣ арзёби мегардад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобаста мебошад. Дар байни дигар омилҳои асоси рушди иқтисодиёт сармояи инсонӣ мавқеи аввалро касб менамояд.

Яке аз принсипҳои муҳими самти фаъолияти мазкур баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ мардум, инчунин фароҳам овардани заминаҳои устувор барои ташаккули донишҳои иқтисодӣ нигаронида шудааст.




**Расми 1. Афзалиятҳои рушди сармояи инсонӣ**

**Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқотӣ илмӣ таҳия гардидааст.**

Ислоҳоти низоми маориф ва илм, ки ба таъмин намудани баробарӣ ва дастрасӣ ба тахсилот; баланд бардоштани сифат дар тамоми сатҳҳои таҳсилот; беҳтар намудани устувории молиявӣ ва самаранокии соҳаи маориф; таъсис ва рушди шабакаи миллии касбии тадқиқотҳои илмию техникӣ бо такя ба технологияҳои каммасрафи захираҳо дар шароити зиёд будани қувваи корӣ ва кӯҳсор будани кишвар; таҳким ва истифодаи самарабахши татбиқи неруи илмии кишвар нигаронида шудааст;

Таъмини солимии аҳолӣ дар чорчӯбаи сифати зиндагӣ, ки гузаронидани ислоҳоти муназзамро дар соҳаи тандурустӣ, беҳсозии дастрасӣ, сифат ва самарабахшии хизматрасониҳои тиббию санитарӣ, инкишофи захираҳои низоми тандурустӣ, ҷорӣ намудани моделҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим пешбинӣ мекунад;

Таҳкимдиҳии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки таҷдиди институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини устувории дарозмуҳлати низоми нафақа, мувофиқат намудани самтҳои фаъолият ҷиҳати муҳофизат ва ҳавасмандгардонии имкониятҳои хусусият дар раванди ҳифзи иҷтимоии қишрҳои осебпазири аҳолӣ;

Баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор дар асоси модернизатсияи низоми дастгирии давлатии соҳаи фарҳанг ва санъат, нигоҳ доштани гуногунии фарҳангӣ ва забонӣ; рушди сармояи инсонии ҷавонон, баланд бардоштани неруи эҷодии онҳо ва мусоидат ба ошноӣ бо дастовардҳои соҳаи фарҳанг ва санъат; ташаккули фарҳанги инноватсионии соҳибкорӣ; таъмини рушди ягонаи фазои фарҳангӣ дар заминаи нигоҳ доштан, эҳё намудан ва рушди анъанаҳои миллӣ ва дастовардҳои фарҳангӣ дар солҳои истиқлолият, арзишҳои умумиинсонӣ;

Ташаккули муҳити мусоид барои зиндагӣ тавассути баланд бардоштани дастрасӣ ба манзил; рушди низоми хизматрасониҳои коммуналӣ; дастрасии шабакаҳои таъминоти оби нӯшокӣ, санитария ва беҳдошт, тақвияти ҳавасмандиҳо барои аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист; рушди низоми идоракунии хавфи офатҳои табиӣ;

Коҳишдиҳии нобаробарии иҷтимоӣ бо назардошти рушди низоми таъмини рушди фарогир ва коҳишдиҳии нобаробарӣ, кам намудани нобаробарии гендерӣ ва таъмини некӯаҳволии кӯдакон.

Инчунин, ба андешаи мо, авлавият маҳз ҷалби сармоя дар низоми маориф ва илм башумор меравад, ки василаи ҳалли мушкилот ва расидан ба ҳадафҳои дар стратегия гузошташуда дар ин замина аст.

Қайд намудан зарур аст, ки «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз ҷониби мутахассисони соҳа таҳия гардида, тамоми ҳадаф ва мақсадҳои гузошта шударро пурра дар бар гирифта, он унсурҳое, ки пеш аз ҳама барои баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат ва рушди сармояи инсонӣ хизмат менамоянд батаври назаррас дар стратегияи мазкур нишон додашудааст.

Инчунин, дар стратегияи мазкур доир ба масъалаҳои иҷтимоӣ: дарозумрӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши музди меҳнат, фарқияти музди меҳнати мардон ва занон, таҳияи барномаҳои гуногун барои хизматрасониҳои аҳолӣ, ҷалби кӯдакон ва наврасон ба муассисаҳои таълимӣ, хароҷотҳои умумӣ ба соҳаи илм, баланд бардоштани нафақа ва таъминот ба манзил, ба масъалаҳои иқтисодӣ: суръати афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, маблағгузориҳои хусусӣ, саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нерӯи барқ ва хизматрасонӣ ва соҳавӣ бошад: сатҳи камбизоатӣ, рушди сармояи инсонӣ, рушди гендерӣ ва нишондиҳандаҳои он, худтаъминкунӣ бо маводҳои хуроквори, рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва устувории экологӣ.

Қабули чунин «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» барои давлату ҳукумат аз ҳама ҷиҳат манфиатовар аст, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, пешрафту тараққиёт, бунёдкориву созандагӣ, ташаббусҳои башардӯстона ва ба ин васила ҷиҳати таъмини шароити зиндагии арзанда ба аҳолии амалакат қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Қайд намудан зарур аст, ки ин дуюмин стратегияи дарозмуддати рушди Тоҷикистон баҳисоб рафта, дар он ҳадафу мақсадҳо, захираҳои мавҷуда, кам

гардидани таъсири омилҳои беруна ба рушди мамлакат, фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи мардум пешбинӣ гардидааст.

Барои оқилона ва самаранок истифода намудани чунин омилҳо ба монанди: рушди неруи инсонӣ, рақобатпазирии бахши иқтисод бо сатҳу сифати баланд, саҳми саноат дар рушди Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, аз кишвари аграрӣ ба индустриалӣ - аграрӣ табдил додани Тоҷикистон, қариб се баробар, яъне, аз 17 то 45 миллиард киловатт соат боло бурдани иқтидори энергетикии ҷумҳурӣ нақши калиди бозида саҳми арзанда мегузорад. Яке аз омилҳои асоси дигаре, ки дар стратегияи мазкур калидӣ ба шумор меравад, ин маълумотнок намудани аҳолӣ, боло бурдани сатҳи дарозумрӣ, кам кардани шумораи фавти модару кӯдак, таъсиси ҷойҳои корӣ ва бо шуғл фаро гирифтани мардум, устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои рушди микро ва макроиқтисодии кишвар арзёби гардидааст.

Барои ноил гардидани чунин омилу ҳадафҳо мамлакатро зарур аст, ки дар тамоми соҳаҳо то соли 2030 ислоҳоти ҷиддӣ гузаронида шавад. Аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ин дастовардҳо равшану возеҳ буда, асосан ба туфайли иродаи сиёсӣ ва устувори Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд. Аммо, асри 21 бо шароитҳои берунаи босуръат тағйирёбандаи рушд, ба мамлакат вазифаҳои нав ва то андозае фарогиранда пеш меорад, ки ҳалли онҳо барои муттаҳид намудани ҷомеа, ҳифзи асолати миллат ва ноилшавӣ ба пешрафти васеъ хеле муҳим башумор меравад.

***<u>Саволҳоҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъ</u>***:

1. Самтҳои афзалиятноки Стратегияи милии рушди сармояи инсонӣ барои давраи (2030) –ро шарҳ диҳед?
2. Принсипҳои асосии Стратегияи милии рушди сармояи инсониро баён намоед?
3. Омилҳо ва афзалиятҳои Стратегияи милии рушди сармояи инсониро маънидод намоед?